ҚАРОРИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Оид ба таъин намудани комиссияи коршиносон барои диссертатсияи Ҷураев Шоҳрух Неъматович «Механизми ташкилӣ-иқтисодии баландбардории самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)

аз 13 октябри соли 2026 № 29/КЭ ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 мутобиқи банди 63-64 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591) қарор мекунад:

1. Диссертатсияи Ҷураев Шоҳрух Неъматович «Механизми ташкилӣ-иқтисодии баландбардории самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) барои экспертиза қабул карда шавад;

2. Комиссияи коршиносони Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъсис дода шавад:

- Аминов Иномҷон - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор;
- Сафозода Абдумаҷид Карим - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент;
- Орипов Амитабх Султонович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент.

3. Тибқи банди 65-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ комиссияи коршиносон вазифадор карда шавад, ки дар муддати на дертар аз 25 рӯз ба шурои диссертатсионӣ хулосаи хаттии худро дар бораи мутобиқати мавзӯъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯи он ба Шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи

ихтисоси пешниҳодшуда, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ, оид ба мукаммалии дарҷи маводи диссертатсионӣ дар корҳои чопшудаи довталаб, дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва вобаста ба масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия ба шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод намояд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
д.и.и., профессор **Шарофзода Ф.Р.**

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент **Исмоилов А.А.**